| | |
|---|---|
| БАНК ЭСХАТА | **ТАСДИҚ ШУДААСТ**<br>Аз тарафи Шӯрои нозирони<br>ҶСК «Бонки Эсхата»<br>Пайнавишти<br>№ 03/2024 аз 15.02.2024с. |

# НАҚШАИ 001:2024

барқарорсозии фаъолият

дар ҶСК «Банки Эсхата»

(Таҳрири 1)

## Муқаррароти умумӣ

- Нақшаи барқарорсозии фаъолият дар ҶСК “Бонки Эсхата” (минбаъд – Нақша) мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Талабот оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ БМТ таҳия шудааст.
- Нақша бо мақсади барқарорсозии фаъолияти устувори Бонк, аз ҷумла сатҳи кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ, инчунин мусоидат ба нигоҳ доштани эътимоднокӣ, устуворӣ ва фаъолияти мутадили Бонк дар ҳолатҳои стрессӣ ва фавқулодда таҳия гардида, талаботи ҳадди ақалро ҳангоми таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолият муқаррар менамояд.
- Ҳуҷҷат талаботҳои умумӣ ва тартиби таҳияи нақшаро муайян намуда, яке аз қисматҳои асосии сиёсати идоракунии бевосилагии фаъолият буда ва барои иҷрои ҳамаи кормандони Бонк ҳатмӣ мебошад.

## Мақсад ва вазифаҳои барқарорсозии фаъолият

Мақсади барқарорсозии фаъолият инҳоянд:

- Нигоҳ доштани қобилияти Бонк барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ дар назди мизоҷон ва шарикон, пешгирии вайроншавии эҳтимолии реҷаи стандартии кори Бонк.
- Кам кардани шиддати оқибатҳои вайрон кардани фаъолияти ҳаррӯзаи Бонк (аз ҷумла ҳаҷми зарари моддӣ, талафоти иттилоотӣ, аз даст додани обрӯву нуфуз).
- Кам кардани оқибатҳои манфии ҳодисаҳо ва таҳдидҳои марбут ба хатарҳои стратегӣ, обрӯву нуфуз, хавфҳои амалиётӣ, қарзӣ, хавфи пардохтпазирӣ ва дигар хавфҳо, ки Бонк дарк мекунанд.

## Маълумоти умумӣ дар бораи Бонк

ҶСК «Бонки Эсхата» (минбаъд – Бонк) бонки низомсоз буда, яке аз иштирокчиёни калонтарини бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тамоми намудҳои асосии амалиёти бонкиро амалӣ намуда, дар фаъолияти бонкӣ нақши асосиро дар рушди иқтисоди кишвар ва нигоҳ доштани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ мебозад. Бонк аз филиалҳо, идораи амалиётӣ дар назди Сарбонк ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ ташаккул меёбад. Илова бар ин, Бонк як ширкати фаръии ҶДММ «Эсхата Лизинг» дорад. Бонк мутобиқи муқаррароти БМТ ба мизоҷон тамоми маҳсулоти асосии бонкиро пешниҳод мекунад. Бонк як бонки универсалии тиҷоратӣ маҳсуб мешавад ва модели тиҷоратии он ба таваҷҷӯҳи муштариён ва сегментатсияи пойгоҳи мизоҷон асос ёфтааст.

Бонк мутобиқи Оиннома намудҳои асосии фаъолиятҳои зеринро амалӣ менамояд:

- маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро бо сомонӣ ва асъори хориҷи ҷалб менамояд, захираҳои қарзиро дар бозорҳои молиявии дохили ва байналмилалӣ сафарбар менамояд;
- хисоббаробаркуниҳои мизоҷони худро вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратии онҳо ташкил ва анҷом медиҳад, ҳисоббаробаркуниҳоро бо ғайрирезидентҳо анҷом медиҳад, инчунин дигар фаъолиятҳои бо қонун манънашударо амалӣ менамояд;
- карздиҳӣ ба соҳибкории хурд ва миёнаро амалӣ менамояд;
- амалиёти қарздиҳиро вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, тичоратӣ ва дигар намуд фаъолиятҳои мизоҷони Бонк анҷом медиҳад;
- мутобиқи иҷозатномаи аз ҷониби БМТ додашуда ҳамаи намудҳои хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод менамояд;
- хизматрасониҳои машваратӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ва молиявӣ пешниҳод менамояд;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар фаъолиятҳоро ба амал мебарорад.

**Хизматрасониҳои асосӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ Бонк**

Бонк доираи васеи хизматрасониҳои молиявиро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар саросари кишвар пешкаш мекунад. Хизматҳои асосии пешниҳодшуда, ки устувории фаъолияти бахши воқеии иқтисодиёт ва қобилияти кории Бонкро муайян мекунанд, инҳоянд:

- Қарзҳо барои рушди соҳибкорӣ;
- Қарзҳои талаботии гуногунмақсад;
- Интиқоли пулӣ;
- Хизматрасонии кортҳои бонкӣ;
- Пасандозҳо;
- Маблағгузории тиҷоратӣ;
- Аккредитив, Кафолати бонкӣ;
- Иҷораи ячейкаи сейфӣ;
- Хизматрасонии ҳисоббаробаркунию хазинавӣ;
- Хизматрасонии инкассатсия ва дирагҳо;
- Хизматрасониҳои фосилавӣ;

**Идоракунии корпоративӣ дар Бонк**

Ҳадафи низоми идоракунии корпоративӣ такмил ва ба низом даровардани идоракунии корпоративии ҶСК «Бонки Эсхата», таъмини шаффофияти бештари идоракунии Бонк, тасдиқи омодагии Бонк барои риояи стандартҳои идоракунии дурусти корпоративӣ мебошад. Тибқи ин сохтори ташкилии Бонк аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ карда шудааст.

Сохтори ташкилӣ иборат аст аз:

- Маҷлиси умумии саҳмдорон;
- Шӯрои нозирон;
- Кумитаҳо ва Департаментҳо дар назди Шӯрои нозирон;
- Раёсати Бонк;
- Раиси Раёсат;
- Кумитаҳо ва Департаментҳо дар назди Раёсати Бонк.

Нақш ва ӯҳдадориҳои кумитаҳоро низомномаи кумитаҳои дахлдор, ки аз ҷониби Раёсати Бонк тасдиқ мешавад, танзим менамояд.

Маълумоти муфассал дар бораи воҳидҳои сохтории дар назди Раёсати Бонк дар сохтори ташкилии Сарбонк, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ карда шудааст, оварда шудааст.

Саҳмдорони асосии Бонк резидентҳои шахсони воқеъии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) мебошанд. Маълумоти муфассал дар бораи саҳмдорон ва ҳиссаи иштироки онҳо, дар вебсайти расмии Бонк www.eskhata.tj оварда шудааст.

Маълумоти муфассал дар бораи сохтори Бонк ва низоми идоракунии корпоративии Бонк дар вебсайти расмии Бонк ҷойгир карда шуда, бо “Кодекси идоракунии корпоративӣ”, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ карда шудааст, ба танзим дароварда мешавад.

**Сохтори идоракунии сармоя ва пардохтпазирӣ**

- Идоракунии сармоя дар Бонк ба нигоҳ доштани ҳаҷми муносиб ва сохтори сармоя равона шудааст, ки самаранокии баландтарини фаъолияти Бонкро дар доираи Стратегияи қабулшуда таъмин менамояд. Дар ин радиф, ба риоя намудани маҳдудиятҳо ба ҳаҷми пазируфтаи хавфҳо, риояи қатъии маҳдудиятҳои БМТ ва сармоягузорони байналхалқӣ ба нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.
- Дар Бонк ҷараёни идоракунии сармоя аз рӯи «Сиёсати идоракунии сармоя» танзим карда мешавад, ки аз тарафи Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ карда шудааст.
- Сохтори идоракунии пардохтпазирӣ – идоракунии пардохтпазирӣ дар Бонк, ки ба чаҳорчубаи идоракунии хавфи пардохтпазирӣ асос ёфтааст.Мақсади асосии идоракунии хавфи пардохтпазирӣ ин таъмини қобилияти Бонк барои саривақт ва пурра иҷро намудани уҳдадориҳои пулии худ ва дигар уҳдадориҳо дар назди мизоҷон ва контрагентон мебошад, инчунин, уҳдадориҳое мебошанд, ки аз аҳдҳо бо истифодаи воситаҳои молиявӣ ба миён меоянд.
- Дар Бонк ҷараёни идоракунии хавфи пардохтпазирӣ аз рӯи «Сиёсати идоракунии хавфи пардохтпазирӣ» танзим карда мешавад, ки аз тарафи Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ карда шудааст.
- Департаменти молия ва Департаменти хавфҳои бонкӣ, ҳамчун воҳидҳои масъул ба мониторинги нишондиҳандаҳои молиявӣ, ҷараёнҳои ҷории Бонк бо мақсади хабардоркунии (оиди ҳама масъалаҳои муҳим) Раёсат ва Шурои нозирони Бонк, ба ҳисоб мераванд.

**Низоми идоракунии хавфҳо**

- Идоракунии хавфҳо дар Бонк ин ҷараёнӣ доимӣ ва бефосила буда, дар ҳамаи сатҳҳо бо ҷалби мақомотҳои идоракунии дастаҷамъи, мақомотҳои ваколатдор, сохторҳо ва кормандони Бонк ба роҳ монда мешавад.
- Низоми идоракунии хавфҳо дар Бонк – маҷмуъи қоидаҳо, хуҷҷатҳо ва чорабиниҳое, ки барои ошкоркунӣ, андозагирӣ, эътинод ба хавфҳо ва инчунин ба мониторинг ва назорати дараҷаи онҳо равона карда шудаанд.
- Сохтори ташкили низоми идоракунии хавфҳо дар асоси модели се хатти химоя ташаккул дода шудааст, ки аз рӯи он воҳидҳои сохтори мувофиқи ваколатхои худ, яке аз хатҳои химояро, дар доираи чараёни идоракунии хавфҳо ташаккул медиҳанд.
- Дар Бонк ҷараёни идоракунии хавфҳо аз рӯи «Сиёсати идоракунии хавфҳо» танзим карда мешавад, ки аз тарафи Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ карда шудааст.

## Барномаи мониторинг ва стратегияҳои барқарорсозии фаъолият

Барномаи мониторинг ба худ нишондиҳандаҳо ва дигар маълумотҳои миқдориву сифатиро дар бар гирифта, имкон медиҳад мониторинги мувофиқи хавфҳо, ки ба он Бонк дучор аст, гузаронида шаванд. Барномаи мониторинг, мӯҳлатҳои зарурии татбиқи тамоми чораҳои барқарорсозиро ба инобат гирифта, сатҳҳои қатъи оид ба интихоби нишондиҳандаҳоро бо мақсади мониторинги хавфҳо ва татбиқи нақшаи барқарорсозии фаъолиятро муайян менамояд.

Бо мақсади таъмини назорат, аз рӯи меъёрҳои пазириши хавф арзишҳои зерини ҳадди ақал муқаррар карда мешаванд:

- Сатҳи ҷоиз;
- Сатҳи ҳудудӣ;

Стратегияи барқарорсозии фаъолият, ки тавсифи он дар нақшаи барқарорсозии фаъолият оварда шудааст, дар холатхои зерин аз ҷониби Бонк амали карда мешавад:

- ҳангоми гузаштан ба ҳудуди қатъӣ, ки дар барномаи мониторинг овардашудаст;
- ба амал омадани ҳолатҳои стрессӣ.

## Стресс тест

### Мақсади стресс тест

Мақсади гузаронидани стресс тест ин баҳогузорӣ намудани хавфҳо ва муайянкунии қобилияти тобоварии Бонк ба номӯътадилии бозори молиявӣ, дар шароити авҷгирии бухрони молиявӣ, номуътадилӣ ва номуайянии сиёсию иқтисодӣ ва тағйирёбии бардавоми индексҳо дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин самт ба талафотҳое, ки ба камшавии кифоятии сармоя, ё ин ки ба вайроншавии дигар меъёрҳои мақбул оварда мерасонад, диққати махсус дода мешавад.

## Нақшаи иртибот

Мақсад ва вазифаҳои нақшаи иртибот аз таъмини амалишавии стратегия, ки дар нақшаи барқарорсозии фаъолият пешбинӣ шудааст иборат аст.

Ҳар як нақшаи барқарорсозии фаъолият аз тартиб, усул ва вақти иртибот иборат буда, инчунин нақш ва ӯҳдадориҳои сохторҳо/кормандонро дар ҳолатҳои стрессӣ ва ҳолатҳои фавқулода муайян мекунад.

## Санҷиши нақшаҳои барқарорсозии фаъолият

Санҷиши нақшаҳои барқарорсозии фаъолият аз Ҷониби Гурӯҳи нозирон ва кормандони ҷалбшуда дар асоси фармони тасдиқшудаи Раиси Раесат гузаронида мешавад.

Санҷиши нақшаҳои барқарорсозии фаъолият на камтар аз як маротиба дар як сол бо усули тақлид ба ҳолатҳои стресс ва фавқулодда гузаронида мешавад. Бо Қарори Гурӯҳи нозирон, нақшаҳои муайянро дар ҳолати воқеӣ санҷидан мумкин аст. Ин намуди санҷиш бояд бо роҳбари бевоситаи воҳиди санҷидашуда ва Раиси Раесат мувофиқа карда шавад.

## Талаботи умумӣ

Нақшаи мазкур аз ҷониби Шӯрои Нозирони Бонк тасдиқ гардида, ҳар сол ё ҳангоми ворид шудани тагийрот дар давоми 30 (сӣ) рӯз аз рӯзи тасдиқи он аз ҷониби Шӯрои Нозирон ба БМТ пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолатҳои зерин Бонк фавран (на дертар аз 1 (як) рӯзи корӣ) БМТ-ро огоҳ мекунад:

- расидан ба сатҳи ниҳоӣ (буҳронӣ)-и дар барномаи мониторинг муқарраршуда;
- ба миён омадани ҳолати стрессӣ;
- вақте ки Бонк дар бораи татбиқи як ё якчанд чорабинӣ аз стратегияи барқарорсозии фаъолият тасмим мегирад;

- вақте ки Шурои нозирон дар бораи қабул накардани ягон стратегияибарқарорсозии фаъолият ҳангоми ба миён омадани рӯйдодҳои дар сархатҳои якум ё дуюми ҳамин банди Талаботи мазкур зикршуда қарор қабул мекунад.

Татбиқи нақшаи барқарорсозии фаъолият наметавонад андешидани ягон чораи пешгирикунандаро, ки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зикр шудаанд, бекор созад.

Шарҳи мухтасари нақша бояд дар қисми алоҳидаи сомонаи ташкилоти қарзии молиявӣ бо назардошти маълумот дар бораи идоракунии хавфҳо нашр гардад

Вориди тағийрот ва тасдиқи Нақшаи мазкур на камтар аз як маротиба дар як сол ё дар сурати ба амал омадани тағйироти дахлдор дар вазъи иқтисодӣ ва молиявӣ, стратегияҳои амалиётӣ, тарҳ (модел)-и тиҷорат, сохтори ташкилӣ ва равандҳои марбут ба вазифаҳои қатъӣ ва хизматрасонии асосӣ, гузаронида шавад

Нақшаи барқарорсозии фаъолият барои баррасӣ ба ҳамаи воҳидҳои сохтории Бонк пешниҳод карда мешавад.

Нақшаи барқарорсозии фаъолият ва раванди таҳияву баррасии он аз ҷониби аудиторҳои дохилии Бонк ва аудитори мустақил тавассути омодасозии ҳисоботҳои мушаххас мавриди аудит ва арзёбӣ қарор дода мешавад.

## Нақшаҳои барқарорсозии фаъолият

- Нақшаи бартараф намудани бӯҳрони пардохтпазирӣ;
- Нақшаи чорабиниҳо дар ҳолати рух додани ҳодисаи АИ;
- Нақшаи амалҳо дар ҳолати рух додани ҳодисаҳо (низоми тиҷоратӣ) ҳамчунин:
- * Нақшаи муфассал оид ба вокуниш ба ҳодисаҳои ТИ (Замимаи 1)
- Нақшаи амалҳо дар ҳолати бонги хатари сӯхтор;
- Нақшаи амалҳо дар ҳолати заминларза;
- Нақшаи амалҳо дар эпидемия;
- Нақшаи амалҳо ҳангоми ҳамла ба кормандон ва амволи Бонк;
- Нақшаи амалҳо ҳангоми ошкор шудани ашёи бесоҳиб;
- Нақшаи чорабиниҳо ҳангоми обхезӣ.